# ТАВЗЕҲНОМА

Мувофиқи банди 6 Низомномаи Кумитаи телевизион ва радиови назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, к ибо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №610 тасдиқ шудааст, Кумитаи телевизион ва радио ҳуқуқ дорад, ки дар асос ва ҷиҳати иҷрои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи телевизион ва радио муқарраршудаи фаъолият мустақилона санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ намояд.

Бо ҳамин мақсад аз ҷониби Кумита Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017 №265 «Дар бораи Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» таҳия карда шуда, санҷиши субъектҳои хоҷагидоре, ки дар соҳаи телевизион, радио ва истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ фаъолият менамоянд, гузаронида мешавад.

Мақсад аз таҳияи Қоидаҳои мазкур баҳри иҷрои талаботҳои санадҳои дахлдори саҳаи мазкур ва дар сатҳи баланд амалӣ намудани санҷиши субъектҳои хоҷагидоре, ки дар соҳаи телевизион, радио ва истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ фаъолият менамоянд.

Қоидаҳои мазкур бо Шӯрои ҳамоҳангсозии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ мувофиқа карда шуда, аз буҷети давлатӣ хароҷотҳои иловагиро талаб наменамояд.

Кумитаи телевизион ва радиои назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон